# ТАҲЛИЛИ ҚИЁСИИ МАФҲУМИ “ЛИБОС” ДАР ЛАҲҶАИ ТОҶИКОНИ САРИОСИЁ ВА САМАРҚАНД

**Азиза Шукурова Хайруллоевна**
*докторанти кафедраи Филологияи тоҷик ва забонҳои Шарқи хориҷаи донишгоҳи давлатии Самарқанд*

**Аннотатсия**: *Мафҳуми “либос” яке аз мавзуъҳои хеле зиёд омӯхта- шудаи шевашиносии тоҷик мебошад, ки борҳо аз ҷониби муҳаққиқон омӯхта шудааст. Ба мафҳуми либос ба ҷуз пӯшокҳое, ки мардум мепӯшанд, боз ҳамаи он чиҳозҳое дохил мешаванд, ки аз матоъ дӯхта шудаанд. Дар “Фарҳанги забони тоҷикӣ” мафҳуми либос - لباس(исм, арабӣ) гирифта шуда, ба маъноҳои “пӯшок”,“пӯшиданӣ”,“болопӯш”,“ҷома”,“кисва” омаданашро мураттибони фарҳанг зикр кардаанд.*

**Калидвожаҳо**: *либос, гӯйиш, Самарқанд, Сариосиё, пӯшок, чапон, дӯппӣ, ҷома, мафҳум;*

Калимаҳои ифодакунандаи мафҳуми “либос” дар гӯйишҳои тоҷикони Сариосиё ва Самарқанд чун дигар гӯйишу шеваҳои забони тоҷикӣ хеле зиёд буда, ин вожаҳо аз рӯйи маъно ва ифодаҳои мафҳум аз ҳамдигар тафовут доранд ва онҳоро ба гурӯҳҳои зерин онҳоро дастабандӣ кардан мумкин аст:

Номи либосҳо. Ифодаи мафҳумҳои либос бо калимаҳои хоси шева дар гӯйишҳои таҳқиқшаванда мавқеи муҳимро доро буда, бо вуҷуди умумият бо забони адабӣ ва гӯйишҳои дигар тафовути шаклӣ ва маъноии зиёде дар ин бахш мушоҳида гардидааст. “Либос” бо зарурият ва хусусияти ба худ хос ҳамеша ҷузъи муҳими ҳаёти инсоният ба ҳисоб меравад. Баррасии ин масъала дар асоси маводи шеваҳои тоҷикӣ ҳамоно таҳқиқталаб боқӣ мемонад Қабл аз он ки ба шарҳи мавзӯи мазкур пардозем, месазад ба вожаи “либос” ва он чизе, ки шомили он аст, маълумот диҳем. Либос-номи чизҳои умумие, ки инсон мепӯшад. Ба он пояфзол, дастпӯшак, кулоҳ, ҷуроб, курта, шим ва ҳоказо дохил мешаванд. Асбоби зинат ба либос чизҳои иловагист. Либос яке аз ихтирооти қадимтарини инсоният буда, баҳри таҳқиқи омили ба вуҷуд омадани он пеш аз ҳама таваҷҷӯҳ ба таърихи пайдоиши одам сар мешавад. Зеро ҳануз аз аз лаҳзаҳои нахустини ба сари ҳастӣ омадани оламу одам масоили ҳифзи бадани инсон дар меҳвари андешаи оламиён қарор дошт. Ҳазрати Одам (а) вақте ба замин омад, худро бо барги анҷир пӯшонида буд. Аз ин ҷост, ки либос ҳам барои пӯшонидани бадан ва ҳам барои эмин доштан аз гармову сармо мебошад.

Ба гурӯҳи вожаҳое, ки оид ба мафҳуми либос ва либосворӣ дохил мешаванд, ҳамаи он ашёҳое, ки аз матоъ тайёр карда мешаванд, аз ҷумла кӯрпаву болишт низ

мансубанд. Аз ин сабаб ин гурӯҳи мавзӯиро ба се гурӯҳ тасниф намуданро ҷоиз донистем:

1) Вожа ва терминҳои ифодакунандаи либоси мардона: ба инҳо асосан, ҷома, дӯппӣ, курта, шим, шалвор, салла ва дигар либосҳои мардона мансубанд;

2) Вожа ва терминҳои ифодакунандаи либоси занона: ба ин мафҳумҳо бошад, асосан, курта, рӯймол, камзул, нимтана (либосии қадимаи занони

тоҷик, ки ба сар мекашиданд ва ҳоло низ баъзе кампирони кӯҳистони Хуфари тоҷикони Сариосиё онро ба сар мекашанд) ва дигар либосҳо дохил мешаванд;

3) Вожа ва терминҳои ифодакунандаи матоъ ва кӯрпаву болин: ба мафҳумҳо ,асосан, он ашёҳое, ки аз матоъ ва пахта тайёр мешаванд, мансубанд;

Мафҳуми либос дар гӯйиши тоҷикони Хуфарии Сариосиё дар шакли “ливос”, дар гӯйиши тоҷикони *Хуфар, Нелу, Кенгузар, Ҳисорак, Зоғхона* дар шакли “пӯшок”ё “лавос” истифода мешавад. Масалан: “Те-те вош, лавосат-а пӯш”. Ё ин, ки дар ҷойи дигаре: “Ша-шар пӯшокат-а пӯш” оварда шудааст. Дар ҷумлаи аввал калимаи “либос” дар шакли “лавос”, дар ҷумлаи дуюм бошад, дар шакли “пӯшок” оварда шудааст, ки имрӯзҳо дар байни мардум серистеъмол аст ва дар бисёр мавридҳо ба тариқи “сару пӯшок”, “сару либос” кор фармуда мешавад. Дар гӯйиши самарқандиён бошад, ин калима дар шакли “сару тан”, “чиз”, “либос”, “пӯшок” оварда мешавад. Мисол: Вай худаш-ба аз бозор сару тан гирифтаст. Пӯшокат-а пӯш, сонӣ мактаб-ба рав.

Дар “Фарҳанги забони тоҷикӣ вожаи “либос” - لباسпӯшок, пӯшиданӣ; болопӯш, ҷома, кисва оварда шудааст:

Ишқ асту бас, ки дар ду ҷаҳон ҷилва мекунад,
Гоҳ аз *либоси* шоҳу гаҳ аз кисвати гадо. *Ҷомӣ*
аз либоси таалluқ муҷаррад будан аз олоиқи дунё озод будан.
Умрест, к-аз *либоси таалluқ* муҷаррадам,
Наг(и)рифтааст хори ғаме домани маро. *Фузулӣ*

Дар гӯйишҳои кӯҳистони Хуфар, Кенгузар, Нелу, Ҳисораки ноҳияи Сариосиё калимаи “ҷома”, ки он низ як намуди либос мебошад, дар шакли “чапон” ҳам оварда мешавад. Имрӯзҳо дар гӯйиши ҳамворазамини тоҷикони хуфарии ин сарзамин низ ин вожа серистеъмол буда, дар бисёр мавридҳо дар шакли “чапон” истифода бурда мешавад. Масалан: *Бачем чапонат-а пӯш-ки ҳаво хунук-ай (гӯйиши тоҷикони хуфарии ноҳияи Сариосиё). Имрӯз да хони фалонӣ ҷомапӯшон шуд.*

Калимаи “дӯппӣ” низ чун ҷузъи либос дар гӯйиши мазкур дар шакли “тоқӣ” ва “тоқа” кор фармуда мешавад. Масалан: Вай сараш-да *тоқии гулдӯзи* дошт. Тоқ-еш да худаш мезеwид (гӯйиши тоҷикони хуфарии ҳамворазамини ноҳияи Сариосиё). Дар гӯйиши тоҷикони Самарқанд ҳам гунаи калимаи ҷома вожаи чапон, чакман буда, барои ифодаи либоси болоии аз пахтадӯхташуда меояд. Мисол: Бачем чапон-ат-а пӯш ҳаво хунук. Имрӯз хони фалони-ба чапонпӯшони буд. Калимаҳои

ифодагари дӯппӣ ва тоқӣ дар гунаи қалпоқ низ ифода меёбанд. Мисол: Вай сараш-ба қалпоқаш буд. Қалпоқаш худаш-ба зебидаст.

Дар “Фарҳанги забони тоҷикӣ” вожаи “ҷома”- جامهмаъниҳои зерини вожаи ҷома оварда шудааст: *1. либос, пӯшок:* Дар қиморхона дид, ки нишаста буд ва ҷомаҳо дарбохта ва ур монда. *Авфӣ*

Ҳар кас аз қассомӣ фитрат қисмати худ ёфтанд:

Зӯҳдварзон ҷомаи солусу Ҷомӣ ҷомро. *Ҷомӣ*

ҷомаи салтанат либоси расмии подшоҳон; ҷомаи сурат ҷомаи сурат- ноки бофта ё нақшдор:

Зи либоси тан буруно ба гаҳи ниёз кардан,

Ки ба ҷомаҳои сурат натавон намоз кардан. *Соиб*

ҷомаи хилъат либоси фохир.

Аз пайи корат офаридастанд,

Ҷомаи хилъатат буридастанд. *Саноӣ*

*2. рахти густурданӣ; ҷойпӯш; пӯшиш, рӯкаш.*

Ҷомаи Каъбаро, ки мебӯсанд,

Ӯ на аз кирми пилла номӣ шуд. *Саъдӣ*

Тахте ороста ба фаршҳо аз алвони ҷомаҳо.“Маҷмаъ-ул-ансоб”

*3.либоси ғафси пахтанок, ки аз рӯй мепӯшанд. “Ҳазрати устоз ба муносибати хунукии ҳаво ҳар қадар либосе, ки дар бисоти худ доштанд, пӯшидаанд, масалан, ҷомаи кимхоб аз тахт, ҷомаи чити кӯҳна аз рӯйи он ва ҳоказо”. Садри Зиё*

Сару пӯшоки занон ҳам қисми асосии лексикаи сару либосро ташкил мекунад. Вижагиҳои асосии он дар мансуб будан ба либоси миллӣ буда, имрӯзҳо ҳам дар байни тоҷикони Сариосиё ва ҳам тоҷикони Самарқанд ба таври васеъ истифода бурда мешаванд.

Хулоса, мафҳуми вожаи либос дар гӯйишҳои таҳқиқшаванда хеле фаровон буда, аз рӯйи маъно ва мафҳум тавре ки дар боло ибрози ақида намудем, аз ҳамдигар тафовут доранд. Онҳо ҳарчанд як маъниву мафҳумро ифода кунанд ҳам, аммо ҳангоми тарзи талаффуз баъзе вожаҳои лаҳҷаи тоҷикони Самарқанд аз лаҳҷаи тоҷикони Сариосиё бо далелҳои фарққунанда ҷудо мешаванд, ки онро дар боло шарҳу эзоҳ додем.Тавре зикраш рафт, ҳамаи он ҷиҳозҳое, ки аз матоъ дӯхта мешаванд, лексикаи сару либосро фаро мегиранд. Ба инҳо, ҷуз сару либос боз кӯрпаву болишт ва ҳамаи он маҳсулотҳои дарздӯзӣ, ки аз матоъ дӯхтаанд, дохил мешаванд, ки имрӯзҳо дар ҳаёти ҳаррӯзаи мардуми ин диёр серистеъмол буда, мардумони ин ҳар ду диёр дар ҳаёти зиндагии ҳаррӯзаи хеш аз он босамарона истифода мебаранд.

## АДАБИЁТ:

1. Аҳмадов, Р. Фолклори маросимҳои мавсимии тоҷикони Осиёи Марказӣ. – Душанбе; Дониш, 2007. Саҳ. 465.

2. Бойбекова, Р. Анъана ва урфу одатҳои миллии Самарқандиён // Р. Бойбекова. – Самарқанд, 2020. – 36-101.

3. Бердиқулов, Ҳ. Хонхучаева А. Шевашиносии точик // Ҳ. Бердиқулов, А.Хонхучаева. – Самарқанд, 2012. – саҳ.11-14.

4. Ёқубов, Ю. Таърихи халқи тоҷик ибтидои асрҳои миёна. // Ёқубов Юсуфшоҳ. (Душанбе: Сарпараст, 2001. Саҳ. 79-80)

5.Маҳмудов, М, Бердиев, Б, Ҷӯраев, Ғ. Фарҳанги шеваҳои забони тоҷикӣ. /М. Маҳмудов, Б. Бердиев, Ғ. Ҷӯраев. – Душанбе: Пайванд, 2014.- саҳ. 780.

6.Муҳаммадиев, М. Лексикаи забони адабии тоҷик/ М. Муҳаммадиев, Ҳ. Талбакова, Ю. Нурмуҳаммедов//.(Душанбе:1977. Саҳ. 190.

8. Хонхӯчаева, А. Халқ маросимларига оид этнографик лексемалар // А. Хонхуцаева. – Самарқанд, 2021. – саҳ. 15-20.

7. Ҳомидов, Д. Шевашиносӣ // Д. Ҳомидов. – Душанбе, 2016. – 264 с.

8. Фозилов, М. Фарҳанги иборахои рехтаи забони адабии ҳозираи тоҷик// М. Фазилов.Ч.2. – Душанбе: Ирфон, 1964. – 804 с.

9. Ҷӯраев, Ғ. Назаре ба ҷараёни имрӯзаи шеваҳои тоҷикӣ // Масъалаҳои забоншиносӣ // Ғ. Ҷӯраев. – Душанбе: Адиб, 1991. – С. 56 – 63.

10. Шукурова, А. Таҳлили лексикӣ-қиёсии вожаҳои соҳаи урфу одатҳои мардумшиносӣ дар лаҳҷаи тоҷикони Хуфарии ноҳияи Сариосиё // А. Шукурова // Involta Innovation Scientifik Journal, 2023, C. 65-69.